**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун») барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) тоҷик пешниҳод мегардад**

Низомии Ганҷавӣ аз шоирони ширинзабон ва хушбаёни асри XII буда, дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ бо эҷоди асари бузургҳаҷми панҷгонаи худ «Хамса» на танҳо дар хиттаи форситаборон, балки дар тамоми Шарқ мақоми вижа дорад. Шуҳрати «Хамса»и Низомӣ аз замони зиндагии ӯ ҳусни оғоз гирифта, баробари гузашти вақт бештар аз пештар гардида истодаасту доир ба рӯзгору осораш ишораву гузориш ва мақолаву рисолаҳои зиёде навишта шуда бошанд ҳам, наметавон гуфт, ки ҳамаи паҳлуҳои эҷодиёти адиби мумтоз омӯхтаву ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Ба ин маънӣ, диссертатсияи диссертант Соқиева Парвина Зафаровна, ки мавриди муҳокима барои дифоъи рисолаи номзадӣ пешниҳод мегардаду он ба маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» бахшида шудааст, як навъ ҷамъбасти илмии ҳамин мавзуъ дар эҷодиёти адиб дониста мешавад. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима се боб, ки дорои фаслҳо ва зерфаслҳои зарурианд, хулоса ва китобнома иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуи мавриди назар, дараҷаи омӯхта шудани он, ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия арзиши назарӣ ва методологӣ, навоварии илмии диссертатсия, равиши таҳқиқ ва ғайраро фаро гирифтааст.

Диссертант дар боби аввали диссертатсия «Назари Низомии Ганҷавӣ ба шеъру шоирӣ ва эҷоди бадеӣ», ки аз ду фасл иборат аст, нигоҳи назарии Низомиро ба сухану суханвар ва шеъру шоирӣ бо мисолҳои мушаххас таҳлил намуда, дуруст таъкид менамояд, ки адиби хушзавқ бояд талаботҳои шеъру шоириро риоя намояд, ки ин ба ҳамаи суханварон, вижа ба худи ӯ низ тааллуқ дорад.

Боби дувуми диссертатсия «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» аз ду фасл ва чаҳор зерфасл иборат мебошанд. Ба фаслу зерфаслҳо резакорона ҷудо намудани боби мазкур маънои онро дорад, ки диссертант кӯшиши ҳаматарафа ба мавзуъ наздик шуданро намуда, хушбахтона ба ҳадафи дар пеш гузоштааш расида тавонистааст. Диди амиқ ба сохту муҳтавои

достонҳо дар муқобалаву муқояса, ҳамоҳангии мавзуъҳо, маҳорати шоирии Низомӣ дар симоофарӣ дар достонҳои madди назар, муқобалаву муқоясаи симоҳои Хусрав ва Маҷнун, Ширин ва Лайлӣ, симои Фарҳод, симоҳои ёридиҳанда дар ҳар ду достони ишқӣ, хусусиятҳои сабкӣ ва забону ҳусни баён дар достонҳову умумияту фарқияти онҳо аз ҷониби нигорандаи диссертатсия то ҷое амиқ баён ёфтаанд, ки мо инро ба ин фарохии назар дар корҳои низомишиносони пешин ба нудрат дучор меоем.

Корбурди ҳунармандонаи забону баёни бадеъ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ дар боби севуми диссертатсия ва зербобҳои он забон ва ҳусни баён дар достонҳои ишқии Низомӣ, ташбеҳ, истиора, муболиға, мавқеи талмеҳ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун», истифодаи моҳиронаи истилоҳоти мусиқӣ дар «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» бо овардани мисолҳои мушаххас огоҳона матраҳ гардидааст. Хулосаи диссертатсия натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро ҷамъбаст менамояд.

Аз мутолиаи диссертатсияи Соқиева Парвина метавон ба хулоса омад, ки муаллиф қудрати таҳқиқотӣ дошта, барои навиштани корҳои дигари илмӣ омода аст. Диссертатсияи мавриди назар ба талаботи корҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ҷавобгӯ буда, мақолаҳои ба мавзуъ алоқаманди интишордодаи диссертант муҳтавои асосии онро ифода карда тавонистааст. Аз ин рӯ, ба сифати роҳбари илмӣ диссертатсияро ҳамчун заҳмати тадқиқотии анҷомёфта ба ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Номзади илми филология,**
**ходими пешбари илмии Маркази**
**Мероси хаттии назди Раёсати АМИТ** **Муҳаммадиев Алӣ**

**Имзои Муҳаммадиев Алӣ -ро тасдиқ менамоям**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ** **Раҷабалиев Х.**